Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

28 июни соли 2025
Шанбе
№ 52 (15167)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАҶЛИСИ ШИАО ИШТИРОК НАМУД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 27 июн дар Минск дар ҷамъомади навбатии Шўрои олии иқтисодии Авроосиё дар мақоми роҳбарони давлатҳои нозири ШИАО иштирок намуд.***





Дар мулоқот, ки зери раисии Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко баргузор гардид, инчунин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин, дар мақоми нозир – Президенти Ҷумҳурии Куба Мигел Диас-Канел, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуд Пизишкиён (аз тариқи паёми видеоӣ) ва инчунин раиси Коллегияи Комиссияи иқтисодии Авроосиё Бакитҷон Сагинтаев ширкат намуданд. Валиаҳди Абу-Дабӣ Шайх Холид ал-Наҳайян, муовини аввали Сарвазири Муғулистон Нам-Осорин Учрал ва котиби генералии ИДМ Сергей Лебедев иштирок доштанд.

Ба рўзномаи маҷлис масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкории бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ, дастгирии лоиҳаҳои ҳамкории саноатӣ, татбиқи барномаҳои муштарак дар самтҳои бартариноки ҳамкорӣ дохил шуданд.

Дар аввали нутқи худ Президенти Ўзбекистон таъкид кард, ки вусъатёбӣ ва амиқ гардидани минбаъдаи ҳамкории муфиди тарафҳо бо мамлакатҳои ШИАО яке аз самтҳои бартариноки сиёсати иқтисодии хориҷии мамлакати мо ба шумор меравад.

Ба мамлакатҳои аъзои Ташкилот барои дастгирӣ ва иштироки фаъоли ҳайатҳои онҳо дар кори Намоишгоҳи байналхалқии саноатии «Иннопром. Осиёи Марказӣ», ки аз аввали соли ҷорӣ дар Ўзбекистон баргузор гардид ва форуми байналхалқии чоруми сармоягузории Тошканд миннатдорӣ изҳор менамоям.

Махсус таъкид гардид, ки дар поёни ин чорабиниҳо шартномаҳои муҳим ба даст омаданд, самтҳои нав ва лоиҳаҳои истиқболноки ҳамкорӣ муайян гардиданд.

Роҳбари давлат иштирокдорони ҷамъомадро дар бораи рушди ҳамкории бисёрҷонибаи Ўзбекистон бо Иттиҳоди иқтисодии Авроосиё хабардор намуд. Ҳамин тариқ дар давраи ҳамкорӣ дар мақоми давлати нозир табодули моли хориҷии Ўзбекистон бо мамлакатҳои Иттиҳод 80 фоиз зиёд гардид ва дар поёни соли гузашта 18 миллиард долларро ташкил намуд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАЛАСАИ ШЎРОИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ АВРУОСИЁ

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Мехоҳам ба суханони сипосгузорӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Беларус муҳтарам Александр Григоревич Лукашенко барои қабули анъанавии гарм ва сатҳи баланди ташкили вохўрии имрўза ҳамроҳ шавам.

Аз ҷониби худ низ раисии самараноки ҷониби Беларусро дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё таъкид менамоям, ки дар давоми он ҳамкориҳои бисёрҷонибаи амалӣ ба таври назаррас фаъол гардиданд.

Имрўз дар суханрониҳои ҳамкасбон таъсири вазъияти мураккаби иқтисоди ҷаҳонӣ қайд гардид. Мо дар Ўзбекистон таъсири манфии оқибатҳои авҷ гирифтани протексионизм ва сиёсати таҳримот, вайроншавии занҷираҳои савдо ва логистика, инчунин коҳиши фаъолиятҳои сармоягузории шариконни хориҷиро пурра эҳсос мекунем.

Мехоҳам таъкид намоям, ки васеъ ва амиқтар кардани ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои аъзои ИИАО — шариконни табиӣ ва анъанавии мо — яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисоди хориҷии мо мебошад.

Аз фурсат истифода бурда, мехоҳам ба ҳамаи ҳамкасбон барои дастгирӣ ва иштироки фаъолонаи ҳайатҳои шумо дар намоишгоҳи байналмилалии саноатии «Иннопром. Осиёи Марказӣ» ва Форуми чорумин сармоягузории Тошканд, ки аз аввали соли равон дар Ўзбекистон баргузор шуданд, изҳори сипос намоям.

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо ба тавофуқоти муҳимми ҳамкорӣ ноил гардидем ва самтҳои наву дурнамои лоиҳаҳои кооператсионӣ муайян карда шуданд. Мо ният дорем ин майдонҳоро боз ҳам васеъ намоем ва ширкатҳои пешсафу гурўҳҳои молиявии кишварҳоямонро бештар ҷалб кунем.

Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!

Мехоҳам мухтасар оид ба рушди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ўзбекистон бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё маълумот диҳам.

Дар давоми чор соли ҳамкорӣ дар мақоми давлати нозир гардиши савдои хориҷии Ўзбекистон бо кишварҳои Иттиҳод 80 фоиз афзуда, соли гузашта ба 18 миллиард доллар расид. Бо қаноатмандӣ қайд менамоям, ки номгўи амалиётҳои савдо, пеш аз ҳама, аз ҳисоби содироти маҳсулоти саноатӣ васеъ шудааст. Шумораи корхонаҳои муштарак ва лоиҳаҳо се маротиба афзудааст.

Моҳи марти соли ҷорӣ ҷаласаи чоруми Гурўҳи кории муштарак бомуваффақият баргузор гардид, ки дар натиҷаи он барои бартарафсозии тадриҷии монеаҳои техникӣ, амиқсозии кооператсияи саноатӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ чораҳои мувофиқшуда таҳия гардиданд.

Мо ба татбиқи Нақшаи нави сесола шурўъ намудем, ки тақрибан 40 чорабинии мушаххасро дар бар мегирад.

Ўзбекистон ҳамчунин дар ташаббусҳои муҳимми Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО), аз ҷумла дар лоиҳаҳо ва барномаҳои «Агроэкспресси Авруосиёӣ», ки ба рушди тиҷорати электронӣ, рақамисозии боркашонӣ ва ҳалли масъалаҳои рўзномаи иқлимӣ марбутанд, фаъолона иштирок менамояд.

Моҳи апрел мо ҳамаи расмиётро анҷом дода, ба Созишнома дар бораи таъсиси Бонки рушди Авруосиё ҳамроҳ шудем. Дар якҷоягӣ бо бонк портфели дурнамои лоиҳаҳо оид ба навсозии инфрасохтор, дар соҳаҳои металлургия, саноати нассоҷӣ, химия ва дигар соҳаҳои стратегӣ таҳия карда мешавад.

Ҳамкасбони муҳтарам!

Мехостам дидгоҳи худро оид ба самтҳои калидии рушди минбаъдаи шарикӣ бо ИИАО баён намоям.

Мо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои афзоиши гардиши мутақобилаи мол аҳамияти зиёд медиҳем.

Ўзбекистон ҳамаи тавофуқотеро, ки бо таъмини амалишавии минтақаи тиҷорати озод байни кишварҳоямон марбутанд, пурра иҷро мекунад.

Мо зарур мешуморем, ки аз ҷониби коршиносон як қатор пешниҳодҳои мо, ки ба содасозии расмиёт ва наздиксозии низомҳои танзими техникӣ дар амалиётҳои савдо равона шудаанд, суръат бахшида шавад.

Мо ҳамчунин манфиатдорем, ки ба чунин воситаҳо ва механизмҳои дастгирии савдо, чун системаи рақамии танзими техникӣ ва экосистемаи долонҳои рақамии нақлиётии ИИАО, ширкати бозсуғуртакунии Авруосиё пайваст шавем. Ин ба таври назаррас шароити тиҷоратро барои соҳибкорони мо осон мекунад ва ба бозорҳои мол имкониятҳои мусоиди дастрасии мутақобиларо таъмин менамояд.

Бо дарназардошти рушди босуръати технологияҳои иттилоотии муосир ва зеҳни сунъӣ, мо ҳамкории бисёрҷонибаи соҳаи рақамисозиро пешомаднок мешуморем.

Мо пешниҳод менамоем, ки барномаи алоҳида қабул карда шавад, ки самтҳои зерин: тиҷорати электронӣ, тамғагузории рақамии молҳо, таъсиси платформаҳои нави логистикӣ, татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар бахшҳои мушаххаси саноатро дар бар гирад.

Мехостам ҳамчунин ба имконияти иштирок кардани Ўзбекистон дар системаи ягонаи иттилоотии муттаҳидшудаи нуқтаҳои гузариш ишора намоям. Ин, пеш аз ҳама, имкон медиҳад, ки убури сарҳадҳо суръат бахшида шавад, самаранокии мониторинг ва шаффофияти ҳамаи расмиёт таъмин гардад.

Аз ҷиҳати техникӣ, мо омодаем, ки дар чунин лоиҳаҳо фаъолона иштирок намоем.

Бо мақсади ташвиқи рушди алоқаҳои кооператсионӣ мо пешниҳод менамоем, ки ҳамкориҳои амалӣ дар доираи барномаҳои мавҷудаи дастгирии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла дар доираи чорабиниҳои муштарак бо Шўрои соҳибкорони ИИАО васеъ карда шаванд.

Мо манфиатдорем, ки аз имкониятҳои механизми дастгирии молиявии лоиҳаҳои саноатӣ ва платформаи шабакаи кооператсияи саноатӣ ва интиқоли технологияҳои Авруосиё истифода намоем.

Дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ муҳим аст, ки саъйҳо барои таҳияи чораҳо муттаҳид карда шаванд, ки ба густариши имкониятҳои ҳамкории истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ равона шудаанд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи татбиқи ташаббуси мо оиди қабул кардани Барномаи кооператсияи аграрии Ўзбекистон бо кишварҳои ИИАО меравад, ки татбиқи технологияҳои пешқадам, содасозии қоидаҳои интиқоли молҳои кишоварзӣ ва фаъолияти самаранок ва густариши «долони сабз»-ро пешбинӣ мекунад. Мо бо шарикони худ дар ИИАО барои содасозии расмиёт ва баланд бардоштани мобилии нерўи корӣ фаъолона кор мебарем. Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод мекунем, ки оид ба масъалаҳои наздиксозии стандартҳои касбӣ ва талаботи тахассусӣ дар соҳаҳои серталаби бозори меҳнат машваратҳои коршиносӣ баргузор карда шаванд.

Агар ҳамкасбон дастгирӣ кунанд, мо ҳамчунин омодаем ба платформаи муттаҳидаи «Кор бидуни марз», ки дар доираи Созмон роҳандозӣ шудааст, пайваст шавем.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Дар анҷом бори дигар мехоҳам тасдиқ намоям, ки мо ба густариши ҳамкориҳои амалӣ дар доираи ИИАО содиқ ҳастем.

Бовар дорам, ки иштироки Ўзбекистон дар барномаҳо ва лоиҳаҳои бисёрҷонибаи зикршуда ба таҳкими шарикӣ ва рушди устувори кишварҳоямон дар шароити муосир мусоидат хоҳад кард.

# САРВАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ ДАР ҲОШИЯИ ҲАМОИШИ ИИАО МУЛОҚОТ АНҶОМ ДОДАНД

***27 июн Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар ҳошияи ҳамоиши Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар шаҳри Минск мулоқот анҷом доданд.***

Зимни мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ба масъалаҳои татбиқи амалии тавофуқоте, ки дар сатҳи олӣ ба даст омадаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид.

Бо қаноатмандӣ таъкид шуд, ки корҳои муштарак барои таъмин намудани рушди динамикии гардиши мутақобилаи мол, пешбурди лоиҳаҳои афзалиятноки ҳамкорӣ, нигоҳ доштани робитаҳои самарабахши минтақавӣ ва мубодилаи фаъоли фарҳангиву башардўстона ба роҳ монда шудаанд.

**ЎзА.**

# БА КОРМАНДОНИ МАТБУОТ ВА ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАВӢ

*Дўстони азиз!*

*Пеш аз ҳама, Шумо, рўзноманигорони муҳтарам, собиқадорони гиромӣ, тамоми кормандони эҷодиву техникиро, ки ўҳдадории худро дар матбуот, шабакаҳои телевизиону радио, нашриҳои интернетӣ, корхонаҳои табъу нашр, хадамот ва платформаҳои иттилоотии навшудаи Ўзбекистони Нав аз таҳти дил ба ҷо меоранд, бо иди касбии имрўза аз таҳти дил самимона муборакбод мегўям.*

*Дар ҷаҳони ниҳоят мураккаб ва ноороми имрўза, ки равандҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳон бо суръати бесобиқа тағйир меёбанд, нақш ва нуфузи васоити ахбори оммавӣ беш аз пеш аҳамияти пурзўр пайдо мекунад, ки инро мо ҳама эҳсос ва дарк мекунем.*

*Ба ин маъно, меҳнати пурзаҳмати аҳли қаламро, ки дар фазои васеи расонаҳо иттилооти холисона ва мўътамад паҳн мекунанд ва манфиатҳои миллиро устуворона дифоъ менамоянд, бо ҷасорати муҳофизони Ватан, ки дар марзҳои муқаддас ҳушёр меистанд, қиёс кунем, бамаврид мебуд.*

*Барои ман шарафи бузург аст, ки дар ин рўзи фархунда ба тамоми кормандони васоити ахбори оммавӣ, ки бо истеъдод ва маҳорати касбии худ дар корҳои таърихии дар мамлакат татбиқшаванда саҳми арзанда мегузоранд, аз номи халқамон эҳтироми амиқ ва орзуҳои нек таманно менамоям.*

*Мўҳтарам кормандони васоити ахбори оммавӣ!*

*Тавре ниёи бузурги ҷадиди мо Хоҷӣ Муин гуфтааст, «Таърихи матбуот, бахше аз таърихи давраи Эҳё аст».*

*Мо солҳои охир анъанаҳои ибратбахши аҷдодони бузургамонро идома дода, ба рушди пайвастаи васоити ахбори оммавӣ, ки шарт ва тамоюли муҳими ҷомеаи демократӣ мебошад, эътибори устувор мдиҳем.*

*Ба шарофати ин равиш лоиҳа ва технологияҳои пешрафта, муносибатҳои нави моликият ба фазои расонаии мо босуръат ворид мешаванд. Дар ҷумҳурӣ қариб 2 ҳазору 400 васоити ахбори оммавӣ фаъолият дорад, ки 65 фоизи он ба саҳми бахши ғайридавлатӣ рост меояд, нашриҳои хусусӣ, шабакаҳои телевизиону радио, захираҳои интернетӣ торафт афзуда, шумораи истифодабарандагони онҳо аз 14,7 миллион ба 32,7 миллион нафар расид, инчунин, сафи созандагони контентҳои иттилоотӣ васеъ мегардад, ки ин бешубҳа ба афзоиши иқтидори мамлакат дар соҳаи медиа хидмат мекунад.*

(Давомаш дар саҳ.3).

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАҶЛИСИ ШИАО ИШТИРОК НАМУД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Моҳи марти соли ҷорӣ ҷамъомади чоруми Гурӯҳи кории муштарак бомуваффақият баргузор гардид, ки дар фуроварди он чорабиниҳо оид ба марҳала ба марҳала бартараф намудани мамониатҳои техникӣ, амиқсозии ҳамкории саноатӣ ва рағбатноксозии ташаббусҳои корӣ таҳия гардиданд.

Татбиқи Нақшаи сесолаи нав оғоз ёфт, ки тақрибан 40 чорабинии мушаххасро дарбар мегирад. Ўзбекистон инчунин дар ташаббусҳои ШИАО, аз ҷумла дар чунин лоиҳаҳо ва барномаҳо, мисли «Агроэкспресси Авроосиё», ки бо рушди савдои элетронӣ, рақамисозии боркашонӣ ва ҳалли масъалаи мавзӯи иқлим алоқамананд, фаъолона иштирок менамояд.

Ғайр аз ин, моҳи апрел тартиб оид ба ҳамроҳ намудани мамлакатамон ба Шартнома дар бораи таъсиси Бонки рушди Авроосиё ба охир расид. Якҷоя бо Бонк бастаи истиқболноки лоиҳаҳои такомули инфрасохтор, дар соҳаҳои металлургия, бофандагӣ, кимиё ва дигар самтҳои стратегӣ таҳия карда мешаванд.

Роҳбари давлатамон назари худро оид ба самтҳои калидии рушди шарикӣ бо ШИАО баён намуд.

Аҳамияти ташаккули шароити муносиб барои афзудани табодули моли ҷонибҳо таъкид шуд. Зикр гардид, ки Ўзбекистон тамоми шартномаҳоро, ки бо таъмини фаъолияти минтақаҳои тиҷорати озод байни мамлакатҳоямон алоқаманданд, ба тариқи пурра иҷро менамояд.

Ба ин маънӣ ба ногузирии тезондани таҳияи экспертии чандин пешниҳодоти мамлакатамон, ки ба сода намудани тартиб ва наздик сохтани низоми танзини техникии амалиёти савдо нигаронда шудааст, ишора гардид.

Инчунин дар хусуси манфиатдорӣ аз пайваст гардидан ба чунин дастгоҳ ва механизмҳои дастгирии савдо, мисли низоми рақамии танзими техникӣ ва экосистемаи даҳлезҳои рақамии нақлиётии ШИАО, ширкати бимаи такрории Авроосиё баён гардид.

Бо назардошти рушди муттасили технологияи замонавии иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ истиқболи ҳамкории бисёрҷониба дар соҳаи рақамисозӣ таъкид ёфт. Ба ин маънӣ пешниҳод шуд, ки барномаи алоҳида бо фарогирии чунин самтҳо, мисли савдои электронӣ, маркировкаи рақамии амвол, ба вуҷуд овардани платформаи логистикии насли нав, татбиқи технологияи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои мушаххас қабул гардад.

Инчунин ишора гардид, ки иштироки Ўзбекистон дар низоми ягонаи иттилоотии гаравидаи нуқтаҳои гузаргоҳӣ имконпазир аст. Ин имкон медиҳад, ки гузаштани сарҳад тез гардад, самаранокии мониторинг ва шаффофии тамоми тартибот таъмин шавад.

Барои рағбатноксозии рушди алоқаҳои ҳамкорӣ омодагӣ барои вусъат додани ҳамкории амалӣ дар доираи барномаҳои роҳандозишуда дастгирии тиҷорати хурд ва миёна, аз он ҷумла якҷоя бо Шурои кории ШИАО изҳор гардид.

Ўзбекистон аз истифодаи имконияти механизми дастгирии молиявии лоиҳаҳои саноатӣ ва платформаҳои шабакаи ҳамкории саноатӣ ва трансфери технологии Авроосиё манфиатдор аст.

Дар бобати таъминоти бехатарии озуқаворӣ аҳамияти таҳияи чорабиниҳо таъкид гардид, ки ба вусъат додани имконот барои ҳамкории тавлидоти кишоварзӣ нигаронда шудааст.

Сухан дар бораи татбиқи ташаббуси қабули Барномаи агрокооператсияи Ўзбекистон бо мамлакатҳои ШИАО, ки татбиқи технологияи пешқадам, сода намудани тартиби ҳаракати амволи хоҷагии қишлоқ, фаъолияти босамар ва вусъат додани даҳлези «сабз»-ро пешбинӣ менамояд, меравад.

Ғайр аз ин бо шарикони ШИАО кори фаъолона доир ба сода намудани тартиб ва баланд бардоштани ҳаракати захираҳои меҳнатӣ кор бурда мешавад. Бинобар ин баргузор намудани машваратҳои экспертӣ оид ба масъалаҳои наздик намудани стандартҳои касбӣ ва талаботи малакавӣ дар соҳаҳои дар бозори меҳнат дархур пешниҳод гардид.

Инчунин изҳори омодагии пайваст гардидан ба платформаи гаравидашудаи «Кори бидуни сарҳад», ки дар доираи Ташкилот роҳандозӣ гаштааст, иброз гардид.

Дар охири суханаш роҳбари давлат таъкид кард, ки иштироки Ўзбекистон дар барнома ва лоиҳаҳои бисёрҷонибаи ШИАО ба мустаҳкам гардидани шарикии иқтисодӣ хидмат намуда, ба рушди босуботи мамлакатҳоямон мусоидат хоҳад кард.

Бо ҳамин ташрифи кории роҳбари давлатамон ба Ҷумҳурии Беларус ба поён расид. Президент ба Тошканд парвоз намуд.

**ЎзА.**

# ЖУРНАЛИСТОНИ ФАЪОЛ, ФИДОКОР, ЗАҲМАТПИСАНД – ПАЙРАВОНИ ВОҚЕИИ ҶАДИДОН

***27 июн дар қасри анҷуманҳои байналмилалии «Ўзбекистон»-и пойтахт ба муносибати Рӯзи кормандони матбуот ва васоити ахбори оммавӣ чорабинии идона ва маросими ботантанаи сарфарозгардонии ғолибон ва ҷоизадорони озмуни XIX байналмилалӣ барои ҷоизаи миллии «Килки заррин» баргузор гардид.***

Ба ин муносибат ба қасри боҳашам намояндагони соҳа, устод-рӯзноманигорон, эҷодкорони соҳаи медиа, ноширону матбаачиён, профессор-устодони муассисаҳои таҳсилоти олии самти журналистика, олимону муҳаққиқон даъват шуданд.

Паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба кормандони матбуот ва васоити ахбори оммавиро котиби матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шерзод Асадов қироат кард.

Дар арафаи иди касбии намояндагони соҳаи медиа Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи мукофотонидани як гурӯҳ кормандони соҳа ба муносибати Рӯзи матбуот ва васоити ахбори оммавӣ» қабул шуд. Тибқи он як гурӯҳ ҳамкасбони мо барои саҳми арзандаашон дар амиқсозии ислоҳоти демократӣ, таъмини ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи иттилоот, таҳкими тамоюли озодии сухану матбуот ва ошкорбаёнӣ, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар майдони иттилоотии ҷаҳонӣ, хидматҳои бузург дар тарғиби васеи дастовардҳои азиме, ки дар Ўзбекистони Нав ба даст меоянд, инчунин, фаъолияти босамар ҷиҳати омодасозии кадрҳои муосири журналистӣ, тарбияи насли наврас дар руҳияи муҳаббат ва садоқат ба кишвар, бо унвонҳои бузург, ордену медалҳои Ватанамон сарфароз гардонда шуданд.

Дар чорабинии мутантан Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева мукофотҳоро ба ҷоизадорон супурд.

Журналисти хидматнишондодаи Ўзбекистон, сармуҳаррири таҳририяти рӯзномаҳои «Янги Ўзбекистон» ва «Правда Востока», эҷодкор Салим Дониёров, соҳибони медали «Шуҳрат» муҳаррири нашри интернетии «Gazeta.uz» Элина Сакаева, асосгузори канали телеграмии «Kamoliddin Rabbimov», сиёсатшинос ва блогер Камолиддин Раббимов ба Президенти мамлакат барои таваҷҷуҳ ба рушди соҳа миннатдорӣ иброз намуданд.

Раванди тағйироти босуръате, ки бо ибтикори Сарвари давлат дар мамлакати мо ба вуқӯъ мепайвандад, бахши расонаҳои хабарии миллиро низ куллан ба таври мусбат тағйир дод. Барои таъмини амалии озодии сухан ва матбуот, дар ин бобат ба амал баровардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, барои рушди босуръати тамоми намудҳои воситаҳои ахбори оммавӣ шароиту имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда мешавад. Ҳоло барои бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамқадам гардидани рӯзноманигорони мо, дар роҳи озодтар, муассиртар ва дар доираи васеъ фаъолият намудани онҳо тамоми имкониятҳо истифода мешаванд.

Дар чорабинии тантанавӣ дар бораи таваҷҷуҳ ба рушди матбуоти миллӣ, кори табъу нашр ва васоити ахбори оммавӣ ба таври муфассал ҳарф заданд.

Воқеан, имрӯзҳо дар натиҷаи бонги изтироби журналистони фаъолу фидокор ба мушкилоти матраҳшуда зуд диққат дода шуда, сарвақтӣ роҳи ҳалли мусбати онҳо дарёфт мешавад. Аз тарафи Президент пешбарӣ гардидани ғоя дар бораи боз ҳам далертару ташаббускор шудан дар ин самт ба аҳли эҷод илҳоми бештар мебахшад. Ин дар навбати худ барои боз ҳам рангоранг, шавқовар, долузарб ва молики аҳамияти бештари иҷтимоӣ шудани матолибе мегардад, ки дар матбуоти ҷумҳуриявӣ, нашриёҳои интернетӣ, телевизион ва радиои мо интишору пахш мешаванд.

Дар ҳақиқат, журналистони фидокору заҳматкаши имрӯзаро, ки манфиати миллату Ватан, халқро аз худ боло мегузоранд, ба ниёи ҷадиди мо, ки бароиояндаи кишвар ҷони худро нисор кардаанд, муқоиса кунем, муболиға нахоҳад шуд. Зеро таърихи пуршарафи журналистикаи миллӣ ва рушди он ба фаъолият ва саъю ҳаракати накӯву ибратбахши ниёи маърифатпарвари мо, ки тақдири хешро ба сарнавишти халқу Ватан пайваст медонистанд, ҳамбастагии узвӣ дорад.

Дар чорабинии тантанавӣ раиси Кумитаи тадорукоти Ҷоизаи миллии «Килки заррин», иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон Холмурод Салимов таъкид кард, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев дар соҳаи иттилооти мамлакати мо ислоҳоти васеъ амалӣ шуда, ба баланд бардоштани фаъолнокии журналистон дар ҷомеа ва дастгириву ҳавасмандгардонии онҳо таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Инчунин, дар бораи мукофоти «Килки заррин» маълумот дод.

Дар озмуни XIX байналмилалӣ барои ҷоизаи миллии «Килки заррин» 499 хабарнигор ва намояндагони ВАО бо беш аз 3251 кори эҷодӣ ширкат варзиданд. Ин дар навбати худ, аз фаъолии рӯзноманигорон дар раванди тағйироту навсозиҳои ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Дар доираи иҷрои қарори Президент аз 27 июни соли 2022 «Дар бораи чораҳои дастгирии васоити ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» аз соли 2023 номгӯи ҳавасмандгардонӣ барои озмуни «Килки заррин» аз 5 ба 12 адад зиёд карда шуд.

Тибқи ин қарор, ба барандаи ҷойи якум ба маблағи 200 баробари ҳисоби базавии Ўзбекистон, барандаи ҷойи дувум 175 баробар ва ба барандаи ҷойи сеюм ба миқдори 150 баробар мукофоти пулӣ дода мешавад. Инчунин, ба ҳар як ғолиби 12 номинаи ҳавасмандгардонӣ мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 100 баробари ҳисоби базавӣ тақдим мегардад.

Бо мақсади дар асоси тамоюлҳои демократӣ таъмини боз ҳам кушод ва шаффоф гузаронидани озмуни байналмилалӣ барои ҷоизаи миллии «Килки заррин», ки дар байни журналистон ба таври анъанавӣ гузаронида мешавад, ҳар сол ба таркиби Ҳайати доварони озмун аз рӯйи самтҳо журналистони ботаҷриба, намояндагони маъруфи соҳаи медиа дохил карда мешаванд.

Корҳои эҷодии пешниҳодшуда дар асоси меъёрҳо, аз қабили аҳамияти иҷтимоии мавзӯъ, мавқеи шаҳрвандии журналист, мушоҳидаи интиқодӣ-таҳлилӣ, масъулият ба сухан ва маҳорати баён, муносибати нав ба фаъолияти эҷодӣ баҳогузорӣ шуданд.

Дар чорабинӣ ба ҳамкасбони мо, ки ҷоизаи миллии «Килки заррин»-ро гирифтанд, мукофотҳои пулӣ, диплом ва статуэткаҳои махсус тақдим карда шуд. Мукофоти асосӣ ба таҳририяти маҷаллаи «Гулхан» (сармуҳаррир Заҳро Ҳасанова) насиб кард.

– Дар мамлакати мо ба соҳаи журналистика, бахусус, ба таҳияи контенти босифату пурмазмун барои кӯдакон диққати калон дода мешавад, – гуфт сармуҳаррири маҷаллаи «Гулхан» Заҳро Ҳасанова. – Ин таваҷҷуҳ кормандони соҳаро водор мекунад, ки бо илҳоми боз ҳам бештар эҷод кунанд. Эътибор ба нашриёҳои кӯдакона, маънои таваҷҷӯҳ ба ояндаро дорад. Пас, ояндаи мо бешубҳа дурахшон мешавад.

Дар чорабинии мутантан мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Хайриддин Султонов, Спикери Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Нуриддин Исмоилов иштирок карданд.

Дар чорабинӣ барномаи мусиқӣ намоиш дода шуд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# ҶОИЗА МУБОРАК!




Дар доираи татбиқи қарори Президенти кишвар аз 27-уми июни соли 2022 «Дар бораи чораҳои дастгирии васоити ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон ҳар сол дар ҳамкорӣ бо як қатор созмонҳо бо мақсади ба таври васеъ таблиғ намудани дастовардҳои журналистикаи миллӣ ва байналмилалӣ, ташаккули тафаккури нав, ки ба рӯҳияи Ўзбекистони нав, ғанӣ гардонидани муҳтавои миллӣ, баланд бардоштани шаъну шарафи инсон, фазои маърифати оммавӣ ва шаффофият дар ҷомеа, таҳкими фазои ошкорбаёнӣ озмуни миллии «Олтин қалам» (Килки заррин) баргузор мешавад.

27-уми июн дар Қасри байналхалқии анҷуманҳои «Ўзбекистон» маросими тантанавии ба ғолибон супоридани ҷоизаи «Килки заррин» баргузор гардид.

Корманди ҷавони рӯзномаи «Овози тоҷик», эҷодкори пурмаҳсул Фаридуни Фарҳодзод дар номинаи «Барои беҳтарин матолиб, ки ба тарғиб ва таҳкими ҳамҷиҳатии умумимиллӣ нигаронидашуда»-и озмуни XIX байналмилалӣ барои ҷоизаи миллии «Килки заррин» пирӯз гардида, соҳиби диплом, статуэткаи махсуси «Килки заррин» ва мукофоти пулӣ гардид.

Ин бешубҳа далели равшани он аст, ки дар мамлакати мо ба дӯстии халқҳо таваҷҷӯҳи алоҳида зоҳир карда мешавад. Солҳои охир бархӯрд ба интишори иттилоот бо масъулияти баланд, бо дарки амиқи қарз ва одоби касби рӯзноманигорӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Ҷамоаи «Овози тоҷик» бо ин эътироф ҳамкори азизамонро самимона табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи эҷодиаш комёбиҳои беш аз пешро таманно менамояд.

***Дар асри XXI шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз падидаҳои муҳими фарҳангиву иттилоотӣ гардида, зиндагии ҳар шахс, бахусус ҷавононро фаро гирифтааст. Аз субҳ то шом мо дар байни постҳо, лайкҳо, шарҳҳо ва видеоҳо ҳастем, ки бо суръати барқвор паҳн мешаванд. Аммо оё шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо воситаи муоширатанд, ё бештар аз он – василаи таъсир, сохтани фикр ва ҳатто шакл додани зиндагии инсон?***

# ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ҶАВОНОН: ОИНАИ МУОСИРИ ЗИНДАГӢ Ё ТӮРИ НОАЁН?

Ҷаҳони рақамӣ фурсати нав барои наврасон аст. Аз як тараф шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷавонон майдони васеи имконият фароҳам меоранд. Онҳо метавонанд муошират кунанд, донишҳои нав омӯзанд, соҳибҳунар шаванд ва ҳатто соҳиби шуҳрату даромад гарданд. Имрӯз бисёр ҷавонон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ блогер, мураббӣ, соҳибкор ё ҳунарпешаи шинохта мешаванд.

Ҷавонон дар Instagram, Fasebok, You Tube, TikTok, Telegram ва дигар платформаҳо ғояҳои эҷодии худро намоён мекунанд, дӯстони нав меёбанд ва барномаҳои таълимиро тавассути интернет меомӯзанд. Барои бисёре аз онҳо, шабакаи иҷтимоӣ на танҳо ҷойи муошират, балки муҳити омӯзишу рушди шахсӣ шудааст.

Аммо аз тарафи дигар, истифодаи нодуруст ва беш аз ҳадди шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба равони ҷавонон зарар расонад. Интернет, дар баробари манфиатҳои зиёдаш, оқибатҳои манфӣ низ дорад. Камбуди фарҳанги истеъмоли иттилоот дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, надоштани дониш, малака ва маҳорати фарқ кардани чизи зарурӣ ва нолозим, боис шуда истодааст, ки иддае аз ҷавонон зери таъсири ашхоси бадхоҳ ва равияҳо афтода, ба интернет вобастагӣ мешаванд. Дар интернет вақти зиёд сарф кардани ҷавонон ба як мушкили ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Умуман, мушкилтарин ҷанбаи вобастагии интернет фаромӯш кардани дунёи воқеӣ, вазифаву масъулияти инсонист. Инсон бояд дар ҳаёти воқеӣ зиндагӣ кунад, софдилона меҳнат ва таҳсил кунад, вазифаи худро софдилона ба ҷо орад, ба Ватан садоқатмандона хидмат кунад, ба атрофиёнаш нафъ расонад.

Шахсе, ки вақти зиёдро дар интернет сарф мекунад, ҳолати абстрактӣ ва ғарқ шудан ба дунёи худро эҳсос мекунад. Ин замина барои дасткорӣ ва мағзшуии ояндаи ӯ аз ҷониби «қувваҳои сеюм» фароҳам меояд. Беҳуда нест, ки имрӯз гурӯҳҳои тахрибкор асосан тавассути интернет ба шуури ҷавонон таъсир мерасонанд.

Дигар паҳлӯи манфии интернет ин аст, ки он боиси худхоҳӣ, мағрурӣ ва ё ба истилоҳи муосир, худпарастӣ мешавад.

Бисёре аз ҷавонон ба «лайк»-у «комент»-ҳо одат карда, арзиши худро аз шумораи бинандагон вобаста медонанд. Онҳо худро бо дигарон муқоиса мекунанд, ба зебоӣ, сарват ё шуҳрати дигарон ҳасад мебаранд ва аз камбудиҳои худ шарм медоранд. Ин метавонад боиси афсурдагӣ, ҳисси камбаҳоӣ ва ҳатто бемориҳои равонӣ гардад. Ғайр аз ин, паҳн шудани маълумоти бардурӯғ, таблиғоти номатлуб ва таъсири фарҳанги бегона низ як хатари ҷиддист, ки зеҳни наврасонро таҳти таъсир қарор медиҳад.

Пас масъала дар чист? Шабакаҳои иҷтимоиро истифода бурдан мумкин аст ё не? Савол дар он аст, ки чӣ гуна ва бо кадом ҳадаф онҳоро истифода бояд бурд. Ҷавонон бояд омӯзанд, фикри танқидӣ дошта бошанд сарчашмаҳои дурустро ҷудо кунанд ва ҳувияти худро аз ҳисоби лайк ва шарҳ муайян накунанд.

Пештар ҷавонон китоб мехонданд, дар китобхонаҳо мегаштанд, бо дӯстонашон дар кӯчаҳо суҳбат мекарданд. Имрӯз ҳама он суҳбатҳо ба экран кӯчидаанд. Онҳо «аккаунт» доранд. Онҳо дигар рӯзномаи чопӣ намехонанд, «стори»-ро мебинанд. Аммо оё ин пешрафт аст ё навъе маҳдудшавӣ?

Имрӯз дар ҳаёти мо мафҳумҳое чун фарҳанги интернетӣ, фарҳанги виртуалӣ, фарҳанги иттилоотӣ, фарҳанги истифодаи дурусти иттилоот ворид шудаанд. Талаби замон аст, ки ҷавонон дар ҷаҳони интернет ҷойгоҳи худро дуруст муайян кунанд, бо корбарон муошироти дуруст дошта бошанд ва иттилоотро дар ҷаҳони виртуалӣ дуруст таҳлил кунанд.

Чуноне ки Сарвари давлат таъкид кардааст: «Ояндаи сайёраи мо ва беҳбудии он ба он вобаста аст, ки фарзандони мо чӣ гуна ба камол мерасанд. Вазифаи асосии мо барои амалӣ гардидани иқтидори ҷавонон шароити зарурӣ фароҳам овардан аст».

Ба ин маъно, бесабаб нест, ки насли оянда, ки ҳамчун як қишри фаъоли ҷомеа эътироф шудааст, неруи бузурги таъмини ободии кишвар, манбаи стратегии давлат маҳсуб мешавад.

Волидон ва омӯзгорон низ дар ин раванд нақши муҳим доранд. Онҳо бояд бо ҷавонон муколама кунанд. Ҳама чизро ба онҳо фаҳмонанд, на танқид намоянд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ – воситаи тавоно ва пуриқтидор аст. Онҳо метавонанд ба ҷавонон неру бахшанд ва дари имкониятҳои навро боз намоянд, ё онҳоро гирифтори танҳоӣ ва нигарониҳо кунанд. Ин имкониятест, ки бояд мо – ҷомеа, оила, мактаб ва худи ҷавонон оқилона интихоб намоем.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Аз ҳаёти маҳалла*

# ДАР БУХОРО ОЁ ҶАЛОЛ ИКРОМИРО МЕШИНОСАНД?

Бо ҳукми тасодуф гузори ман ба маҳаллаи ба номи Ҷалол Икромии шаҳри Бухоро афтод. Гӯё, ки касе маро ба зиёрати ин маскан даъват карда бошад, ҳанӯз вориди бино нашуда, зани тезнигоҳе хайра мақдам гӯён пешвоз гирифт.

— Ассалому алайкум, хуш омадед, аз мо чӣ хидмат?

— Номи устод Ҷалол Икромиро аз лавҳаи сари кӯча хонда, хостам ин манзилро зиёрат кунам, — худамро муаррифӣ намуда, рости гапро гуфтам, — дар маҳалла оиди абадӣ гардонданими ин шахси бузург чӣ гуна корҳои хайр амалӣ мегарданд?

— Маҳаллаи мо дар қисми таърихии шаҳр ҷойгир аст, яъне дар ҳудуди маҳалла мавзеъҳои таърихӣ бисёранд ва бузургони зиёди шаҳри қадима низ дар ин ҷо ба камол расидаанд, — гуфт раиси маҳаллаи ба номи Ҷалол Икромии шаҳри Бухоро Замира Султонова. – Аз ҷумла, Ҷалол Икромӣ дар ҳамин ҷо таваллуд шуда, ба воя расидаанд.

Барои донистани Бухоро, зиёрати ҳафт пири он ҳар рӯз аз ин ё он нуқтаи ҷаҳон сайёҳон, олимон, нависандагон, намояндагони дини мубинамон меоянд. Онҳо мехоҳанд аз ҳаёти донишмандони илми тибб, дини ислом, мусиқӣ, шоиру нависандагони ин сарзамин бештар маълумот ба даст оранд, яъне Бухороро ҷаҳон мешиносад, аммо худи мо-чӣ?... — суханашро идома дод З. Султонова.

Бино ба гуфти Замира Султонова дар хонадоне, ки Ҷалол Икромӣ ҳар гоҳ ба зодгоҳ омада, истиқомат мекард, касе «ман аз хешовандони Икромиам» гӯён ҳуҷҷат дуруст карда, ба он хонадон даромада, истиқомат мекардааст. Вақте яке аз наберагони нависанда ба Бухоро меояд, дар ин бора шикоят карда мегӯяд, ки онҳо чунин хеше надоранд...

Аз чунин гуфтаҳои ҳамсуҳбатам таассуф кардам, ки дар байни мо чунин одамон ҳастанд. Биринҷ бе курмак намешавад. Ҷалол Икромӣ барои таърихнигорон, дӯстдорони адабиёти бадеъ корҳои зиёдро анҷом додаанд, ки шоистаи таҳсин аст. Ба фикрам, вақти он расидааст, ки истиқоматгоҳи ин шахси бузург мисли хонаи дигар фарзандони бузурги шаҳри Бухоро, мисли муаллифи гимни Ўзбекистон Мутал Бурҳонов ба хона-музей табдил дода шавад, то насли имрӯзаву оянда донанд, ки дар ин сарзамин чӣ гуна бузургон ба воя расидаанд. Дар ин бора рӯзномаи маҳбубамон ба идораҳои дахлдори шаҳр муроҷиат намуда, дастгирӣ мекард, хуб мешуд.



Саволи навбатии ман ба З. Султонова каме дардноктар буд, яъне, ки маҳаллаи шумо номи устоди шодравон, Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромиро дорад. Устод дар назди зодгоҳ — Бухорои шариф қарзи фарзандии худро шарафмандона адо намуда, асарҳои «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Сафар Махсум дар Бухоро» ва ғайраро навиштаанд, ки воқеаҳои бештари он бо Бухоро ва ё фарзандони он алоқамандӣ дорад, аммо дар маҳаллае, ки бо номи он кас аст, ҳатто ягон китобашон ба назар намерасад. Маҳалла хонаи умумии ҳаммаҳаллагон мебошад. Хонаи бекитоб бошад, чун осмонест бе офтоб гуфтаанд аҳли дониш...

— Дуруст гуфтед, мо хурдакак бошад ҳам, китобхона дорем, аммо дар байни онҳо асарҳои аслии устод Икромӣ нест...

— Хонаи рақами якуми маҳаллаи шумо ин шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон мебошад. Агар ба масъули он шоир Шодмони Сулаймон оиди ин масъала муроҷиат кунед, бешубҳа шуморо дастгирӣ хоҳад кард, – маслиҳат додам ба Замира Султонова. — Он кас ҳам дар ҳамин муҳит ба воя расидаанд.

Ин ҳангом чанд нафар сокинони гуногунтабори маҳалла ба утоқи корӣ ворид шуданду суҳбатамон бурида шуд. Раиси маҳалла бо онҳо ба забонҳои тоҷикиву ўзбекиву русӣ гуфтугӯ намуда, мушкилашонро ҳал намуд.

— Дар маҳалла оиди пешгирии вайроншавии оилаҳо чӣ гуна корҳо ба амал татбиқ мегарданд? – пурсидам аз раиси маҳалла.

— Бовар кунед, таи чанд соли охир бо ин масъала рӯ ба рӯ нашудаем. Рости гап, ҳама бо ташвишҳои зиндагии худ андармонанд, машғули таълимгирию ин ё он намуди ҳунару касбу корранд. Ба фикри ман, ҷанҷолу кашмакашӣ аз бекорӣ маншаъ мегирад.

– Маҳаллаатон бо чӣ хусусиятҳо аз дигарҳо фарқ мекунад?

–Мардуми маҳаллаи мо асосан бо соҳибкорӣ машғул мебошанд, ки ҳоло аз тарафи ҳукуматамон ба дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорон эътибори алоҳида нигаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар ҳудуди маҳалла ду мактаби таълими ҳамагонӣ, як мактаби хусусии ба номи Баҳоуддини Нақшбанд фаъолият дорад.

100 меҳмонхонаи гуногундараҷа шабурӯз дар хидмати мардум ва сайёҳон мебошад. Зиёда аз сад нуқтаи савдо, ошхона ва тарабхонаҳо мушкили онҳоро осон мегардонад. Хусусан дар ҳудуди таърихии Лаби Ҳавзи Нодир Девонбегӣ ҳар шаб тадбирҳои гуногун гузаронида мешаванд. Бегоҳии ҳар шанбе бо ҳамроҳии дастаҳои санъаткорони касбӣ, дастаи санъаткорони худфаъол баромади ҷаззоб ташкил мекунанд. Дар ҳудудамон 31 оилаи камбизоат ва 52 нафар маълӯл ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамеша зери назорати мо мебошанд.

***

Ин суҳбати ғайричашмдошт бо Замира Султонова ба ман таассуроти калон бахшид. Ҳамсуҳбати мо, ки 4 фарзандро ба воя расонидааст ва ба тарбияи 13 нафар набера низ бо масъулият менигарад, аз корҳои тиҷоратии ҳамсараш низ пуштибонӣ мекунад. Ба таърихи зодгоҳ ва ҳаёти ҳамдиёрон бефарқ набудани ӯ ҳамчун як шаҳрванди ин ватан маро хушнуд кард.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*БУХОРО.*



*Дар Чуст озмуни «Энг гулзор–энг обод маҳалла», ки дар доираи Ҷашнвораи байналхалқии гулҳо»-64 баргузор шуд, ба ҷашни зебоӣ ва ободӣ табдил ёфт.*

*Озмун ба мақсади ободу гулу гулзор гардонидани маҳаллаҳо, баланд бардоштани маданияти экологӣ ва диди зебоипарастии аҳолӣ гузаронида шуд.*

*Маҳаллаи Саримсоқтеппаи ноҳияи Чуст низ ба озмун бо омодагирии ҳамаҷониба ширкат ҷуст.*

*Маҳаллаҳои ғолиб дар доираи «Ҷашнвораи байналхалқии гулҳо»-64 сарфароз гардонида шуданд.*

***Хидмати ахбори ҳокимияти ноҳияи Чуст***

# БА КОРМАНДОНИ МАТБУОТ ВА ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАВӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

*Бахусус, дастгирии фаъолияти эҷодкорони ҷавон, студияҳои мустақил ва марказҳои продюсерӣ дар роҳи рушди медиаконтентҳои миллӣ, барои пайдоиши лоиҳаҳои баландсифат ва рақобатпазир дар фазои виртуалӣ замина фароҳам менамояд.*

*Дар мамлакати мо ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи иттилоот, иҷрои қонунии матбуот ва озодии сухан корҳои назаррас амалӣ мешаванд. Мо дар баробари эътибор ба тарбияи баркамоли фарзандонамон, киояндаи мо мебошанд, ба ҳифзи онҳо аз иттилооти зароровар низ диққати махсус медиҳем. То соли 2030 озод кардани контентҳои миллии барои бачагон пешбинишуда, аз ҷумла маҳсулоти нашрии кӯдакона аз андози фоида, муқаррар намудани андози иҷтимоӣ ба андозаи 1 фоиз ва ҷорӣ намудани тартиби баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда як қадами муҳим дар ин самт буд.*

*Ҳамчун идомаи чунин тағйиротҳо мо чанде қабл Маркази рушди контенти кӯдаконро таъсис додем. Мавриди зикр аст, ки ин марказ ҷиҳати тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ, ба ғояҳои наҷиб ва маърифат ошно намудани онҳо аллакай корҳои амалии худро оғоз намудааст.*

*Вақте дар ин мавриди ҳарф мезанем, бояд гуфт, ки лоиҳаи қонун дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои корбарони онлайн-платформа ва сомонаҳои интернетӣ низ ба муҳокимаи умум гузошта шудааст.*

*Ҳоло рушди босуръати технологияҳои зеҳни сунъӣ баробари боз кардани имконоти васеъ барои журналистика, мувофиқи талаботи замон ба роҳ мондани корҳоямонро дар ин самт тақозо мекунад.*

*Боиси хушнудист, ки тайи солҳои охир дар мамлакати мо насли нави журналистони фидокору ватандӯст ба камол мерасанд, ки касби худро, баробари забони модарӣ, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотиро амиқ аз худ кардаанд.*

*Ҳоло мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили таъмини холисӣ ва волоияти қонун дар васоити ахбори оммавӣ, баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, аз худ намудани усулҳои муосири паҳнкунии иттилоот, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ, мубоҳисаву муколама дар байни аҳолӣ, мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни номатлуб ва коррупсия дар ҷомеа корҳои зиёдеро бояд анҷом диҳем.*

*Муҳтарам кормандони васоити ахбори оммавӣ!*

*Бо назардошти пешниҳодҳои рӯзноманигорон ва дастаҳои эҷодии мамлакат имсол бори аввал Ҷоизаи миллии «Қалами тиллоӣ» дар 27 июн – Рӯзи кормандони матбуот ва васоити ахбори оммавӣ супорида мешавад.*

*Аз фурсат истифода бурда, тамоми ғолибони озмун ва кормандони соҳаро, ки имрӯз дар ҳузури шумо бо мукофотҳои бузурги давлатӣ ботантана сарфароз мегарданд, аз таҳти дил самимона табрик менамоям.*

*Бовар дорам, ки дар оянда ҳар яки шумо мактаби таҷриба ва маҳорати худро офарида, дар рушди журналистикаи миллӣ саҳми боз ҳам бештар мегузоред.*

*Бешубҳа, қадрдонии меҳнати пурзаҳмати кормандони васоити ахбори оммавӣ, дастгирии дастаҳои эҷодӣ, таҳкими пойгоҳи моддию техникӣ ва кадрҳои соҳа минбаъд низ дар Ӯзбекистони Нав аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад.*

*Шуморо бори дигар бо иди касбиатон аз таҳти дил табрик гуфта, накӯтарин орзуҳои дили худро таманно мекунам.*

*Ҳамеша сиҳату саломат бошед, дар кори масъулиятноку пуршарафи худ барака ёбед, азизон!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

# НАЗАРЕ БА ИНКИШОФИ АДАБИЁТИ ДУЗАБОНА ДАР ҲАВЗАИ АДАБИИ ХӮҚАНД

Доир ба масъалаи таъсирпазирии адабиёти ӯзбек аз адабиёти форс-тоҷик, адабиётшиносони хориҷию ватанӣ фикру ақидаҳои мухталиф баён намудаанд, ки онҳо дар омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти дузабонаи ҳавзаи адабии Хӯқанд судманданд. Ин масъала, дар ҳақиқат, барои мушаххас гардондани таҳаввул ва ташаккули робитаҳои адабӣ ва сиёсиву иҷтимоии мардуми тоҷику ӯзбек дар марҳилаҳои таърихӣ заминаи боэътимодеро ба вуҷуд меорад.

Дар ин бора гуфтаҳои шарқшиносони машҳур И. Брагинский ва Е. Бертелс айни муддаост, ки онҳо тадқиқи муштараки адибони тоҷику ӯзбекро муҳим дониста, таъкид намуда буданд, ки ин гуна омӯзиш дар муайян кардани арзишҳо ва равандҳои адабии байни халқҳои тоҷику ӯзбек кори судманде хоҳад буд.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки таърихи робитаҳои адабии адибони тоҷику ӯзбек собиқаи тӯлонӣ дошта, дар рушд ва густариши адабиёти ин ду халқ нақши муҳим дорад.

Иртиботи қавии адабии байни ин ду халқ дар асарҳои гуногуни адабиву таърихӣ мунъакис гардидаанд. Аз ҷумла, дар ин бора аз осори Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Неъматуллоҳи Муҳтарам ва дигарон маълумоти арзишмандро дастрас намудан мумкин аст. Дар тазкираҳои онҳо ҳамкориҳои адабии шуарои ин ҳавзаи адабӣ ва намунаи осорашон оварда шуда, ҳаёти мардуми одӣ бо ҳама ҷузъияташ таҷассум ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки алоқаҳои адабии шоирони тоҷику ӯзбек дар таърихи адабиёти зуллисонайнӣ анъанаи мутадовил буда, дар ташаккул ва таҳаввули адабии ин ду халқи ба ҳам дӯсту бародар аҳамияти муҳимро касб менамояд.

Аз таърихи адабиёт ба мо маълум аст, ки дар нимаи охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар пайравӣ ба доираи адабии Ҳирот Амир Умархон ба бунёди ҳавзаи адабии Хӯқанд асос гузоштааст. Ин буд, ки дар ин ҳавза аз ҳама бештар шоирони зуллисонайн фаъолият мекарданд. Шоир Фазлии Намангонӣ дар тазкираи худ «Маҷмӯат-уш-шуаро» доир ба ҳаёт ва фаъолияти 88 нафар шоири ин ҳавза, ки ба ду забон эҷод мекардаанд, маълумот додааст. Аз рӯйи намунаҳои ашъори онон, ки дар рисолаи номбурда оварда шудааст, маълум мешавад, ки шоирон байни ҳам робитаҳои мустаҳками адабӣ доштаанд.

Дар баробари ин ҳанӯз чандин масъалаҳои муҳимме ҳастанд, ки мавриди муҳокима қарор додани онҳо вазифаи адабиёти илмӣ мебошад. Бояд гуфт, ки адабиёти тоҷику ӯзбек дар ҳавзаи адабии Хӯқанд дар якҷоягӣ густариш ёфта, марҳилаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузарондааст. Аз ин рӯ, чи хеле ки дар боло таъкид карда шуд, бояд адабиёти ин давр дар ҳолати омехтагии забонҳо баррасӣ гардад. Маҳз дар ана ҳамин ҳолат таъсирпазирӣ ва таъсиргузории забонҳо дар эҷоди адабӣ ба хубӣ инъикос меёбад. Ҳанӯз таъсирпазирии шоирони ин давр аз ҳамдигар, хусусиятҳои услубиву бадеии ашъори шоирон, ҷой ва мақоми адабиёти тоҷику ӯзбек дар ин давр, хусусияти мундариҷагию сохтории асарҳои шоирон, анъанаҳои навҷӯиву навоварии адибон, алоқаҳои адабию иҷтимоии шоирони тоҷику ӯзбек, давом додани суннатҳои адабӣ барин масъалаҳои мубҳаме вуҷуд доранд, ки омӯзиш ва тадқиқи аниқу мушаххасро талаб менамоянд.

Дуруст аст, ки дар ин бора корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, вале ҳанӯз ҳамаи онҳо талаботи адабиёти илмӣ ва адабии ин давр-ро қонеъ намегардонанд. Чунки, намояндагони адабиёти ин ҳавзаи адабӣ аз рӯйи мансубияти миллӣ, баъзеашон тоҷик ва бархеи дигарашон ӯзбек бошанд ҳам, аммо эътибори онҳо барои равнақи шеъри зуллисонайн боиси ташаккули навъҳои шеъри дузабона дар ин давр гаштааст.

Натиҷаи таҳлилҳои адабии муҳаққиқон собит менамоянд, ки дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XX адабиёти дузабона нисбат ба марҳилаҳои пешинааш вусъат ёфта, эҷодиёти шоирони зуллисонайн ҳамчун воқеаи муҳимми адабӣ маъмул гашт, ки дар ин бора андешаи адабиётшинос З. Ӯлмасова боиси ёдоварист: «Дар тӯли ҳашт аср (XII-XX) раванди дузабонагии ӯзбекӣ-тоҷикӣ дар адабиёти тоҷик гоҳе густаришу тақвият меёфт, гоҳе заъфу сустӣ пайдо мекард, аммо ҳеч гоҳ қатъ нагардид, хусусан, дар фосилаи таърихии аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX вусъатёбии ин ҷараён қобили таваҷҷуҳ аст».

Омили асосии бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ташаккул ёфтани адабиёт дар ҳавзаи адабии Хӯқанд, қабл аз ҳама ба ӯзбек будани Амир Умархон вобаста мебошад. Чунки вай ҳамчун намояндаи миллати ӯзбек ба ин забон шеър мегуфт ва нисбат ба шеъру шоирӣ эҳтиром мегузошт. Бинобар ин, аксарияти шоирони дузабона, бо мақсади ба эҳтироми Амир сазовор шудан, шеърҳои туркӣ-ӯзбекӣ менавиштанд. Омили дигаре, ки ба офаридани ашъори ӯзбекӣ завқу шавқ пайдо кардани шоиронро ифода мекунад, табиати нотакрори қаламрави Хӯқанд буд. Дар ин маскан асосан мардуми тоҷик ва ӯзбек зиндагӣ мекарданд. Ана ҳамин мушаххасот дар эҷоди осори тоҷикиву ӯзбекӣ, яъне «адабиёти дузабона» ниҳоят муассир буд. Боз як омили дигар ин буд, ки таваҷҷуҳи шоирон ба сурудани ашъор бо ду забон яке аз нишонаҳои камолоти шоирӣ ҳисобида мешуд. Шоироне, ки намояндагони адабиёти зуллисонайнӣ буданд, дар дарбори Амир Умархон эҳтироми ҷудогона доштаанд. Бинобар ин, дар баробари воқеаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ ба ду забон офаридани асари бадеӣ дар байни адибони тоҷик ҳам инкишоф ёфт. Дар ин хусус, адабиётшиноси варзидаи тоҷик Носирҷон Маъсумӣ дуруст таъкид намудааст, ки «Ҳамаи ин доираи адабӣ, (яъне Хӯқанд – **Ҳ. С.**) зуллисонайн буданд ва дар ин ҷо адабиёти тоҷику ӯзбек баробар инкишоф меёфт. Аз ин рӯ, адибони ин доираи адабӣ ҳамчун намояндагони адабиёти ду халқи дӯсту бародар – тоҷикон ва ӯзбекон ба ҳисоб гирифта мешаванд».

Бояд зикр кард, ки дар доираи адабии Хӯқанд дар асрҳои XVIII-XIX аксарияти жанрҳои маъмули классикӣ: ғазал, қасида, маснавӣ, мухаммас, қитъа, рубоӣ, моддаи таърих, байт ва ғайра бо ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ суруда шудаанд ва инкишоф ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки аксарияти онҳо дар суханварӣ ба шоирони адабиёти классикии тоҷик, аз ҷумла Саъдӣ, Ҳофиз, Амир Хусрав, Камол, Ҷомӣ ва Бедил пайравӣ кардаанд. Лекин нуфузи ашъори Ҳофизу Ҷомӣ ва Бедил ба онҳо зиёдтар ба назар мерасад. Ин шоирон дар шеърҳои ӯзбекӣ бештар анъанаи шеърофарии Навоиву Фузулиро давом додаанд. С. Амирқулов дар китоби «Таҳаввули жанрҳои адабӣ дар асри XVIII ва ибтидои асри XIX» оид ба жанрҳои адабӣ ибрози назар кардааст.

Дар миёни шоирони дузабона, махсусан, эҷодиёти Махмур, Маъдан, Ҳозиқ, Гулханӣ, Шавқӣ, Амирӣ, Нодира, Нозил, Дилшод, Фано, Зокирҷони Фурқат ва Муқимӣ ҷолиби диққат аст ва дар эҷодиёти онҳо мо барҷастатарин хусусиятҳои адабиёти дузабонаро мушоҳида карда метавонем.

Хулоса, аз мероси адабии шоирони ин давра маълум шуд, ки адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX бо якчанд хусусиятҳои ба худ хос инкишоф ёфтааст. Шоирон ба сахтиву мушкилиҳои гуногуни рӯзгор нигоҳ накарда кӯшидаанд, ки беҳтарин анъанаҳои адабиёти пешқадами давраҳои гузаштаро дар мазмуну мундариҷа ва шаклу услуби бадеиву адабӣ тибқи талаби замон мунъакис гардонанд. Муҳокима кардани ин хусусиятҳо барои омӯзиши комили ҳавзаи адабии Хӯқанд дар шакли адабиёти дузабона роли муҳимро мебозад. Анъанаи зуллисонайнӣ дар адабиёти давр, бо жанрҳои маъмул, мисли қасидаву ғазал ва манзума идома пайдо кардааст. Аммо қисми асосии осори шуарои ин давраро жанри ғазал ташкил медод. Баъдан, дар доираи адабии Хӯқанд муламмаъ вусъат пайдо кард, яъне шоирони ин ҳавза дар баробари унсурҳои маъмулии муламмаъ дар шеърҳои тоҷикӣ – аносири туркиву арабӣ аз аносири русиро ҳам истифода кардаанд, ки он ба шинохти ин унсурҳо ҳамчун зуҳуроти навгароӣ омил гаштааст.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**омӯзгори калони ДДОҶ.**

***27 июн – Рӯзи кормандони матбуот ва васоити ахбори умум***

# ФИДОКОРОНИ СОҲАИ МАТБУОТ

***Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки олами ахбор ҷомеа, тамоми афкор ва шуури башариятро фаро гирифтааст. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI иборaву ҷумлаҳои «Рӯзнома – оинаи зиндагӣ», «Бе рӯзнома ҳаётро тасаввур кардан мумкин нест» маъмулу машҳур буданд.***

Алҳол бино ба табаддулоти бузурги техникӣ, яъне кашф шудани навъҳои гуногуни телефонҳои дастӣ, смартфону планшетҳо, вусъатёбии шабакаи интернет аксар соҳиби ин муъҷизаи техникӣ гаштаанду зиндагии худро бидуни он тасаввур карда наметавонанд. Имрӯз телефони дастӣ – манбаи асосии хабару навигариҳо, воситаи алоқа, машваратгару маслиҳатдеҳ дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ, манбаи муҳими эълонҳо, воситаи нигоҳдорӣ ва гузаронидани маблағҳои пулӣ, тамошои дастурҳои телевизиониву консертҳо, дастгоҳи ба наворгириву суратбардорӣ ва ҳоказо мебошад.

Дар натиҷа, солҳои охир эътибор ба нашрияҳои даврaӣ – рӯзномаву маҷаллаҳо хеле поён рафт. Сафи рӯзномахонон-обуначиёни васоити чопӣ торафт кам мешавад. Бо сабаби норасоии маблағ ва воситаҳои нашрӣ аксарияти рӯзномаҳои соҳавиву маҳаллӣ фаъолияти худро қатъ карданд. Қисми зиёди рӯзномаҳои маҳаллӣ бинобар душвориҳои молиявӣ шумора ва миқдори кормандонашонро ихтисор намудаанд. Новобаста ба ин душворию мушкилоти гуногун ҳанӯз гурӯҳи калони фидоиёни матбуоти чопӣ ба касби худ содиқ мондаанду бахри нигоҳ доштан ва равнақи матбуоти чопӣ садоқатмандона хидмат мекунанд. Бинобар заҳмати шарафноку пурмасъулияти онҳо ҳанӯз рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп мешаванд. Муштариёни содиқи ин нашрияҳо то ҳол ба рӯзномаҳои дӯстдоштаашон обуна шуда, ҳадди имкон дастгирӣ мекунанд. Мо имрӯз дар қатори журналистон, эҷодкорони шодравонамон Ё. Ҷабборов, П.Қаҳҳоров, К.Охунов, Т.Тоҷибоев, М. Эргашов номҳои собиқадорони кунунии рӯзномаамон Ё.Дадаҷонов, М.Имомадиев, М.Акрамов, Ҳ.Эргашева ва бисёр хабарнигорони фаъоли ҷамоатиро бо ифтихор ба забон мегирем. Алҳол туфайли меҳнати пурмашаққати кормандони рӯзнома А.Олимов, М. Мирзокиров, А.Зарипов ва дастгирии муштариёни саховатпеша газета моҳе ду маротиба нашр мешавад.

Тамоми кормандони ҷонфидои дирӯзу имрӯз ва муштариёни доимии рӯзномаи «Косонсойнома»-ро бо Рӯзи кормандони васоити ахбори умум муборакбод менамоем ва дар зиндагиву корҳояшон комёбиҳо орзумандем.

**Абдулвоҳид НУРИДДИНОВ,**
**узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон,**
**масъули саҳифаи тоҷикии «Косонсойнома».**
**Вилояти Намангон.**

***Шариф ХАЛИЛ***

# АНГЕЗА

***(Ҳикоя)***

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

– Шаҳлоҷон...

Симин як лаҳза аз гуфтор монд. Ин номро дар зеҳни худ чархонд ва аз чӣ буд, ки маҳин сар афшонда:

– Не, – гуфт лоҳис. – Номи ту Шаҳло нест. Сабзина. Не, ин ном ҳам безеб. Як бор мондам, кифоят. Ва боз ба тафаккур рафт, лаб газида имдодҷӯ ба ҳар самт нигарист. «Эҳ, агар очаҷонам дар барам мешуд, кумак мерасонд. Вай чӣ ном мегузошт?» – аз дил гузаронд. «Умм...» – нидо дардод вай ва дастонашро ба бари рӯйи тирак гузошта, боз муддате хирмани андеша кӯфт. Ба мӯйи ҷингилааш як панҷа зада:

– Назокат, – ба забон овард ӯ ва филфавр «Не!» – гуфта дар тардид калла ҷунбонд. «Дилоро» – чӣ хел? Ин ҳам намешавад. Пас чӣ ном гузорад?

– Парисо! Ёфтам! – шодон кафкӯбӣ кард. – Ҳамин ном хеле зебост. Ба ту ҳам маъқул? – аз лӯхтак пурсид Симин.

«Бале, очаҷон», – вақте ба ҷойи лӯхтак посух медиҳад, лаҳни худро дигар месозад духтарак.

– Аз ин баъд номи ту Парисо! – бинияки лӯхтакро нарм пучид Симин. Ва:

«Хуб, очаҷон.» – гуфта боз ба ҷойи он лӯхтак овозашро андак маҳинтар карда худаш ҷавоб дод.

– Ширини оча, асали оча, хушрӯйи оча...

Симин Парисоро модарвор навозиш кард ва даст ёзонда, аз болои дасторхон озод бардошт ва ба оғӯш гирифта, маҳин-маҳин бӯсид, бӯйид, мӯйҳояшро, ки парешон шудаву ба рӯяш фуромадаанд, зери панҷаи хурдакакаш ҷамъ оварда, аз гулӯи як ҳалқаи резинӣ гузаронид. Мӯйҳои лӯхтак дар тори сараш ба кокули қашанге мубаддал гаштанд ва шаршаравор ба ҳар ҷониб хамиданд. Симин ин ҳунарро аз модар андӯхтааст. Вай боз чандин калимотро ба забон овардан мехоҳаду шояд ба ёд оварда натавониста, хомӯш мемонад. «Очаҷонаш ба ӯ боз чӣ суханҳои навозишӣ мегуфт?»

Ин тавр симои модарро як лаҳза пеши назар оварда, дилаш вайрон шуд. Оҳ кашидаву ба дарахти Тут нигарист. Баргҳои чун кафи даст кушодаш аз гардиши шамол ҷон мегирифтанд ва дар навозиш кадом як калимотеро ҳиҷо мекарданд, ки Симин дар фаҳмаш оҷиз буд. Модараш як сол, шояд аз он ҳам зиёдтар аст, ки аз хона рафтаву барнагашта буд. Дарахти Тут шоҳид!

Сипас аз шохсорони сабзи дарахт нигоҳ барчида, андак асабаш вайрон ба Парисо рӯ овард:

– Дастонатро шустӣ?

Симин дар итоб овозашро сар дода ва ба ҷойи лӯхтак худ ҷавоб гардонд:

– Не.

Ва ин посухро ба забон оварда, як навъ нози кӯдакона кард. Гардан каҷ, нигоҳҳо маъсум...

– Эҳ, гарангак.

Баъд зуд ба қиёфаи пешин баргашт ва миёни абрӯвон гиреҳ андохт, ангушти ишорат ба бари рухсор гузошта, лаб зери дандон гирифт, чашмонаш алою було шуданд – муродаш: «Айбро намедонӣ? Акнун ту духтари калон! Бо дасти ношуста хӯрок хӯрдан гуноҳ, – касал мешавад одам!» – гуфтан мехост.

Симин ин тавр аз субҳ то шом болои суфа нишаста бозӣ мекунад. Вай ҳарчи аз модар омӯхта буд, ҳини бозиҳо такрор мекард, ширин ҳарф мезад, он азизи дилаш – Парисоро зуд-зуд ба оғӯш гирифта бӯса ва хуб навозиш мекард, чӣ қадар меҳрашро барояш арзонӣ медошт. Аммо вақти чунин бозиҳо модарашро ба ёд оварда, ногузир ба ғам мепечид. Духтарак чаро ғамгин аст, – дарахти Тут нек медонад...

Дар як рӯзи мунаввари тобистон ин хонадон аз марду зани гирён пур шуд. Вай аз баландиҳо назора мекард, ки духтараки он вақт дусолаи навроҳ дар як гӯша нишаста, бо лӯхтаки худ машғул буд. Занҳои гирён ӯро ба оғӯш кашидаву оби дида мерехтанд. Духтарак қуташ парида ва дар ҳайрат буд, ки чаро ин занҳо мегирянд? Чаро вайро озор дода, гоҳ оғӯш мекашанд, гоҳ мебӯсанд, гоҳе даст ба мӯйҳояш гузошта, бо меҳр парешон месозанд? Охир модари вай як рӯз пеш аз хона баромада, хандон гуфта буд, ки: «Ту қобил шуда шин. Ман ба ту додарчаи хушрӯяке меорам.» Аҷиб, аммо имрӯз хонаашон аз марду занҳои гирён пур шудааст. Модараш дар куҷо бошад?

Дарахти Тут аз он фароз дид, ки анбӯҳи одамон баъд аз чанде саф ороста, намоз гузориданд, бо ишораи имом як қуттии дастадорро сари дӯш гирифтанд ва аз дари ҳамин ҳавлӣ бароварда, ба куҷое бурданд. Аз дохили хонаҳо, аз айвони кушод... ғиреве ба осмон хест. Пайвандони зан инони гиряро сар дода, баландтар овоз андохтанд. Духтарак дар оғӯш ҳамон лӯхтак тамоми вуҷудаш ба ларза омада, дар як гӯша меистод. Сахт шигифтзада буд. Одамон пас аз соате парафканда баргаштанд, аммо сари дӯши онҳо холӣ буд. Тут медонист, ки андаруни он қуттии бо матоъҳо ороста ҷисми беҷони модари духтарак – зани дар меҳру шафқат ягонаи музофот қарор дошт. Аммо духтарак ба фаҳми ин корҳои дунё намерафт. Ин тавр, модари ӯро бурданду дигар наоварданд.

Аз он воқеа вақти зиёде гузашт, як сол, шояд зиёдтар. Аммо Симин ҳанӯз ба умқи як чиз намерасад: чаро модараш намеояд? Ин хел одат надошт ӯ. Ҳар гоҳ берун аз хона мерафт, зуд бармегашт. Бармегашту вайро танг ба оғӯш мегирифт, чанд ҳарфи ширин ба гӯшаш рехта, аз рухсораш гарм-гарм бӯса мекард. Ҳатман ба дасташ қанд ё шакалод меқапонд, ки армуғон оварда буд. Духтарак ин лаҳзаҳоро дӯст медошт ва мунтазир мемонд, ки боз кай такрор меёбанд... Вай аз ёди он дамҳо як лаҳза шукуфта, ноаён дастони хурдакаки худро ба бари рӯй бурд – он ҷо маъвои бӯсаҳои модарҷонаш аст! Даҳонаш об кушода лаб лесид, лабонаш таъми шакалод надоштанд. «Чаро ин дафъа дер кард?» – оҳ кашид ӯ. Баъд ҳамон ваъдаи модарро ба ёдаш оварда, малеҳ табассум кард:

– Ба ту додарак меорам. Як додараки хушрӯ, – гуфта буд модараш.

Он рӯз дунёи духтарча гул карда буд...

«Оҳ-ҳ... Аммо наовард, худаш ҳам нопадид гашт. Шояд ҳанӯз додараки хушрӯяки ӯро ҷустуҷӯ дорад...» – ғамгин ба тафаккур рафт Симин.

Модараш набошад ҳам, чандин муддат хонаашон пури одам буд. Аммо аҷаб, ки дили ӯро пур аз ғам карда, ҳама мегирянд, меноланд. Ин нолаву гиряҳо гоҳ идома кунад, гоҳе фосила мегирифтанд.

Ин тавр, рӯзҳо гузашта, пайи одамон ҳам аз хонадони онҳо канда шуд. Акнун бештар хумори модар мекард ва ду чашми интизораш мудом ба сӯйи дарвоза буд. Очаҷонаш ҳатман дар оғӯшаш нинияки зебое хоҳад омад. Охир, ваъда кардааст. Пас, албатта, меояд! Шояд ҳоло додари хушрӯе барои ӯ наёфтааст...

Як рӯзи офтобӣ дар дамгаҳи дарвоза, дар сояи ғулии дарахти Тут нишаста, машғули бозӣ буд, ки падараш бо як зани бегона ба назди Симин омад. Аввал ба бозиҳои ӯ бо меҳр нигариста, баъд ваҷоҳаташ тағйир ёфта, сахт лаб газид, чашмонаш ҳам хонаи об гаштанд. Вай дикак нишасту духтаракро озод бардошт ва аз бари рухсораш нарм-нарм бӯсид.

– Ришатон халид, додо. Очаам хушрӯ бӯса мекард, – бари рӯйи худро оҳиста молид духтарча.

– Бубахш, ҷони додо, – мард, дили фигораш кабоб, рӯ гардонду ғамгин лаб газид.

– Додоҷон?

– Ҷон...

– Очам кай меояд?

– ... меояд.

– Куҷо рафт ӯ? Ин қадар бедарак шуд.

Мард як лаҳза ба андеша рафт. Гулӯяшро, ки сахт мешуд, бо оби даҳон нарм сохт ва дар банди ҳаяҷони сахт аввалин фикре, ки дар сараш пайдо гашт, ба забон овард:

– Пеши Худо. – ... Ва овозаш ларзид.

– Худо ба ман додарак медиҳад?

– Медиҳад.

– Кай? Ман зиқ шудам.

– Акнун очаи нават ба ту додарак меорад.

Ба ҷониби зани нави худ нигарист мард, ки ду қадам дуртар ҳайкалвор қад кашида, ба чаҳор самти ҳавлӣ нигоҳи таҳқиқ медавонд.

Зан табассум кард ва чӣ ҳарфе гуфт, ки Симин нафаҳмид. Аммо аз нигоҳи бумвор сардаш тарсида, гардани падарро сахт ба оғӯш овард.

– Номи ман Чарос! Акнун очаат ман, – гуфт зан ва пештар омадаву ба бини Симин даст бурд, аммо духтарак дар кароҳат худро қафо кашид, истеҳзоомез забонашро нишон дод ва миёни абрӯвони пайвасташ гиреҳ андохта:

– Очаи ман Ҳадиса! – гуфт овозашро сардода. Баъд гардани падарашро раҳо карда, ба чашмони ӯ нигарист ва ҳамон замон аз дили беғубораш ин ҳарфҳо хестанд:

– Не, додоҷон! Гум кунед ин занро. Ба ман даркор нест ин оча. Очаи худам...

Зан норизо як нигоҳи сахте ба Симин афканда, дандонҳои бақувваташро нишон дод ва ҷуссаи бузургаш арақшор аз назди онҳо дур шуд.

Комрон қадре хиҷолат кашида, бо навозиш гуфт:

– Худо додаракатро ба дасти ҳамин зан роҳӣ мекардааст.

– Очаи худам-чӣ? – теғ кашида нигарист Симин, ки гиря гулӯгираш мекард.

– Вай...

**(Давом дорад).**

*27-июн – Рӯзи ходимони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ*

# ДИЛБОХТАИ ЗАМИНИ БОСТОНИИ ВАРДОНЗЕ



Аввали соли 1958 дар хонадони сокинони Маҳаллишерони (мардум Маҳаллишерӣ мегӯянд) музофоти Вардонзеи бостонӣ – Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҷӯинав»-и ноҳияи Шофиркон Гулираъно ва Ботур Темировҳо фарзанди сеюм ба дунё омад. Ӯро Алимурод номиданд. Вай дар калонтарин мактаби миёнаи тоҷикии вилоят ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мехонду вақтҳои холӣ беихтиёр сӯйи Қӯрғони Вардонзе роҳсипар гардида, ба омӯхтани таърихи он рағбат зоҳир мекард. Ҳар як хишти хароба барояш ғайриодӣ ва асроромез метофт. Вақте Алимурод дар синфҳои болоӣ таҳсил мегирифт, ба кори падар–кишту парвариши пахта кумак мекард. Соли 1975 баъди хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи методикаи таълими ибтидоии Донишкадаи давлатии омӯзгории Бухоро супурд. Аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашта, донишҷӯ гардид, вале дар ин бора ба аъзои оила чизе нагуфт. Танҳо ҳангоми ба пахтачинӣ ҷалб шудани донишҷӯён онҳо аз ин муваффақияти фарзандашон огоҳ гардиданд.

Баъди мактаби олӣ соли 1979 фаъолияти омӯзгории Алимурод дар таълимгоҳи азизаш оғоз ёфт. Вай тайи солҳо чун омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошт. Ҳамдеҳагон мехостанд, ки соҳиби боғчаю таълимгоҳи худӣ бошанд, роҳи фарзандони хешро наздик кунанд. Дар ин бобат ба онҳо Алимурод мададгор гардид. Баҳори соли хониши 1997-1998 дар ҳаёти деҳа воқеаи таърихӣ рух дод. Мактаби миёнаи тоҷикии рақами 54-ум ба кор сар кард. Алимурод Темиров чун омӯзгори фаъол баҳри боловравии сифати таълиму тарбияи бачагони деҳа азму кӯшиш кард. Соли хониши 2012-2013 сарварии мактабро ба зиммаи ӯ гузоштанд. Дар давоми як соли роҳбарӣ дар мактаб дигаргуниҳои сифатӣ ба амал омаданд. Мувофиқи ҷамъбасти сол таълимгоҳ аз ҷойи 42-юм якбора ба ҷойи 11-ум баромад. А. Темиров ҳамчун мутасаддии маҳфили кишваршиносӣ дар озмуни ҷумҳуриявӣ бо шогирдони худ иштирок карда, сазовори ҷойи аввал ва ифтихорнома гардид.

Бояд таъкид намуд, ки дар ин давра китобчаҳои аввалини 4 нафар узви маҳфил – чакидаҳои эҷодии насрию назмии талабагони синфҳои тоҷикию ӯзбекӣ аз чоп баромаданд.

– Бо вуҷуди куллан тоҷик будани аҳолии деҳа ва мавзеъҳои гирду атрофи он соли 2013 мактабро охирин синфи тоҷикӣ хатм кард. Ҳол он ки замоне дар ноҳия 13 мактаби тоҷикӣ фаъолият доштааст – мегӯяд Алимурод.

Соли 2017 Темиров ба нафақа баромада бошад ҳам, ду соли дигар дар таълимгоҳ ҳамчун корманди эҷодию фарҳангӣ кор кард.

Гуфтан ҷоиз аст, ки вай солҳои 2007-2010 ҳамчун омӯзгори фаъоли пуртаҷриба шомили комиссияи корӣ оид ба интихоби китобҳои дарсӣ гаштааст.

Ҳанӯз солҳои мактабхонӣ аввалин хабари ӯ дар рӯзномаи ноҳиявии «Шофиркон ҳақиқати» чоп шуд, ки дар бораи ғалабаи пахтакорони деҳааш буд. Ин дастовард ӯро рӯҳбаланд кард ва ба арсаи эҷод кашид. Минбаъд чакидаҳои қалами вай дар «Пионери Тоҷикистон», «Машъал», «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ва ғайра чоп шуданд. Ҳамин минвол мухбири ҷамоатӣ ҳамкориро бо матбуоти даврӣ ва радио вусъат дод. Лозим омад, ки қариб даҳ сол баъд аз тадрис дар таҳририяти радиошунавонии ноҳия низ кор кунад, мардуми ноҳияро аз тариқи радио бо навгониҳои ҳудуд огоҳ созад. Ҳамкорию ҳамнишинӣ бо аҳли қалам Алимуродро водор намуд, ки ҷиддан ба эҷод рӯ оварда, дар мавзӯъҳои гуногун иқтидори хешро санҷад. «Раҳмат ба ту, Алифбо», чунин ном дошт дастурамали услубие, ки барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо ҳамкории профессорони Донишгоҳи давлатии Бухоро Юнус Азимов, Қаҳрамон Тӯхсанов таълиф намуда, онро соли 2000 аз чоп баровард. Худи ҳамон сол китоби дигари вай дар бораи таърихи Вардонзе «Вардонзе ҳайрати» рӯйи чопро дид. Ҳамин тариқ, рисолаву китобҳояш «Ҳаётий сабоқлар» (оид ба масъалаҳои тарбияи шарқона, «Бухоро», 2004), «Ассалом ҳаёт» (маҷмӯи ҳикоя ва шеърҳо, Тошканд, «Муҳаррир», соли 2011), «Саҳродаги қизил гул», («Бухоро», 2014), «Шоҳнома» ва «Тӯронзамин таърихи» (тарҷумаи насрии достони «Сиёвуш» дар асоси тафсири насрии Шоҳнома»-и Сотим Улуғзода, «Бухоро», 2014), Қуёшни уйғотган деҳқон», «Бухоро», 2024) ва ғайра чоп шуданд.

Тавре дар боло таъкид ёфт, Алимурод фарзанди деҳқон аст. Зотан деҳқонӣ касби олиҷаноб буда, кишоварз на фақат барои аҳли оилаи худ, балки барои дигарон низ ризқу рӯзӣ, нозу неъмат фароҳам меорад. Омӯзгори ҳимматбаланд соли 1996 аз поёни зиёратгоҳи «Бибикабудпӯш» 2 гектар замин гирифта боғу токзор бунёд кард. Якҷо бо аҳли оила – ҳамсар, се духтару писараш Юсуф заҳмат кашид. Дар натиҷа дар истеҳсоли 13 намуди ангур муваффақ гардид.

Алимурод шод аст, ки туфайли меҳнат софдилона хурду калони хонадон ба касе муҳтоҷ нестанд, баръакс зиндагии серу пур доранд. Узви Академияи Тӯрон Алимурод Темиров, ки дилбохтаи сарзамини куҳани аҷдодист, баҳри омӯхтани таърихи он кӯшиш мекунад, то ҳол ба унвонҷӯён, кормандони ВАО бобати омӯхтани таърихи Вардонзе кумак мерасонад.

Боиси хурсандист, ки Алимурод Темиров солҳои охир бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳамкорӣ дорад, бар хилофи онҳое, ки «хомӯш» шудаанд, меҳри беандозаашро нисбати забони модарӣ ва рӯзномаи тоҷикӣ зоҳир мекунад. Ба «Шофиркон овози» низ матолиби тоҷикӣ фиристода, дузабона будани ин рӯзномаро хотирнишон месозад.

Мо журналист ва хабарнигору адибу хушқалам Алимурод Темировро бо Рӯзи кормандони матбуот ва расонаҳои ахбори оммавӣ муборакбод намуда, ба эҷодиёт ва фаъолияти минбаъдааш комёбиҳо таманно дорем.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Табрик*

## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ САМАРҚАНД

**кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ, матбуот ва табъу нашри мамлакатро ба муносибати**

# РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАТБУОТ ВА ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАВӢ

**самимона табрик намуда, ба онҳо тандурустӣ, иқболи нек ва дар ҷодаи фаъолият ба хотири пешрафти Ватани азизамон барору комёбиҳо орзу мекунад.**




## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ ШАРОФ РАШИДОВ

**кормандони воситаҳои ахбори оммавиро, ки ӯҳдадории худро дар матбуот, шабакаҳои телевизиону радио, нашриёҳои интернетӣ, корхонаҳои табъу нашр, хадамот ва платформаҳои иттилоотӣ аз таҳти дил иҷро мекунанд ба муносибати**

# РӮЗИ КОРМАНДОНИ МАТБУОТ ВА ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАВӢ




**самимона муборакбод намуда, ба ҳамаи кормандони соҳа қалами бурро, забони гӯё, чашми ҳақиқатбин ва дили адолатҷӯю некандешро орзу менамояд.**

*Акси садо*

# АГАР ХОҲЕМ САБУР БОШЕМ...

***Пас аз хондани мақолаи «Чаро одамон торафт бесабр мешаванд?»-и Ф.Фарҳодзод дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (6-уми июни соли 2025, №46), чанд лаҳза ба фикр рафтам. Чунки он ҳолате, ки баррасӣ шудааст, барои ман ҳам бегона набуд. На як бору ду бор, балки борҳо шоҳид шудаам, ки одамон дар навбат ноором мешаванд, якдигарро эҳтиром намекунанд, ҳатто бо ҳам ба низоъ мераванд.***

Воқеан, сабр кардан кори осон нест. Аммо вақте мебинем, ки пиронсолон, модарони кӯдакдор бе ягон моҷаро соатҳо дар навбат меистанд, мо бенавбат ворид шавем, магар айб нест?

Албатта оне, ки аз пайи зудтар анҷом додани кори худ навбатро риоя намекунад, дар назари дигарон беодоб ва худписанд менамояд. Оё чунин рафтор дуруст аст?

Дар мақола қайд шудааст, ки «Дар навбат истодан ҳам аз сатҳи маданият ва маърифати одам гувоҳӣ медиҳад». Дар ҳақиқат, сабр танҳо интизорӣ нест, балки эҳтиром ба дигарон аст. Агар ҳар кас танҳо манфиати худро фикр кунад, пас ҷамъият ба чӣ ҳол рӯ ба рӯ мешавад?

Имрӯз дар аксар муассисаҳо навбати электронӣ, рӯйхат, тартиб ва одоб ҳаст, вале мутаассифона, ҳанӯз ҳам аксар онро нодида мегиранд.

Агар хоҳем, ки зиндагӣ ба маром афтад, бояд ислоҳро аз худ оғоз намоем, рафтору амалҳои худро ба тартиб биоварем, сабр кунем, эҳтиром гузорем ва дигаронро низ дарк кунем.

Муаллиф дуруст мегӯяд, ки сабр кам шуда истодааст. Аммо чаро? Зиндагӣ ба назар гӯё шитоб пайдо кардааст, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар мо одатеро такмил додаанд, ки мехоҳем ҳама чизро зуд ба даст орем, ҳама корамон фаврӣ анҷом ёбад, муошират ва гуфтугӯи хубу пайваста миёни мардум камтар шудааст – фикр мекунам инҳо омили асосии ин иллатанд. Пештар одамон бо ҳам менишастанд, сӯҳбат мекарданд, масъалаҳои мухталифро маслиҳат менамуданд. Имрӯз бошад, бисёриҳо дар телефон гап мезананд, аммо бо якдигар кам дар мулоқот мешаванд.

Ғайр аз ин, яке аз омили асосие, ки сабр аз тинати инсонҳо рабудааст, кам мутолиа намудани китоб низ мебошад. Аммо сабрро танҳо бо панду насиҳат касе намеомӯзад, он аз кӯдакӣ тарбия мешавад. Ва беҳтарин тарбиятгар китоб аст. Китоб инсонро ба сабр намудан меомӯзад, ба андеша водор мекунад, дар тинат эҳсоси эҳтироми дигаронро тарбият менамояд.

Агар хоҳем, ки босабр бошем, аввал бояд маърифати худро ташаккул диҳем ва албатта маърифат бе китоб намешавад.

Муаллиф дар охир ба хулосае меояд, ки сабр кардан худ як ҳунар аст. Ӯ мақолаи худро бо чунин шоҳбайт анҷом медиҳад:

*Ба сабр аз корҳо берун равад банд,*
*Шавад най шаккару,*
*шаккар шавад қанд.*

Ин маънои онро дорад, ки агар сабр кунем, корҳо беҳтар мешаванд, мисли он ки аз найи талх, шакар ҳосил шавад.

Пас биёед, мо ҳам кӯшиш кунем, ки дар зиндагии ҳаррӯза каме сабуртар бошем. Охир сабр нишондиҳандаи ақлу маданияти воло аст.

**Ш. ЙЎЛДОШЕВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-628.
Адади нашр 3696. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.